ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ
ба диссертатсияи Халиков Масъудҷон Ғафурович
дар мавзуи «Муродифот дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология,
10.02.01 – забони тоҷикӣ

Диссертатсияи Халиков М.Ғ. ба мавзуи таҳқиқи муродифҳо ва муродифҳои ҷуфту пайиҳам дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» бахшида шуда, дар шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода шудааст.

Бояд сареҳан таъкид кард, ки дар байни асарҳои зиёди дар давраи Сомониён бо ҳидояти амирони ин силсилаи некном аз забони арабӣ ба забони модарии мо тарҷумашуда, «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мақоми хос ва ҷойгоҳи муҳим дорад. Ин асар дар байни дигар тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ, аз қабили «Тафсири Қуръони маҷид» (маъруф ба «Тафсири Кембриҷ»), «Тафсири Қуръони пок», «Тарҷумаи Қуръони Музейи Порис», «Бахше аз тафсири куҳан», «Тафсири Исфароинӣ», «Тафсири Сурободӣ» ва ғайра нахустин ва муҳимтарин тарҷумаву тафсири расмӣ эътироф гардидааст.

Гузашта аз ин, дар ин асар забони модарии мо «забони порсию дарии роҳи рост» номбар шудааст, ки чунин ном дар осори дигар ба мушоҳида намерасад. Корбурди муродифҳо, ба хусус муродифҳои ҷуфту пайиҳам дар асар ҷойгоҳи муҳим доранд, аз ин рӯ ба унвонҷӯ тавсия шуда буд, ки дар ин замина таҳқиқ анҷом диҳад. Метавон гуфт, унвонҷӯ оид ба муродифҳои ҷуфту пайиҳам дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» таҳқиқи арзишманд ва қобили мулоҳиза анҷом додааст.

Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он ба мушоҳида мерасад, ки дар диссертатсия бори нахуст дар забоншиносии тоҷик бевосита муродифҳои луғавӣ ва муродифҳои ҷуфту пайиҳам, ҳамчунин, сохтори таркибии вожагони муродифию муродифоти ҷуфту пайиҳам ва ҷойгоҳу мавқеи истифодаашон дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Диссертатсия дорои аҳамияти назарию амалист. Аз ҷумла натиҷаи таҳқиқоти мазкур дар таъйини қонунмандиҳои муродифҳои забони тоҷикӣ, ташаккул ва такомули таърихии онҳо, инчунин омӯзиши марҳилаҳои таърихии рушди забони тоҷикӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Натиҷаҳои таҳқикро метавон барои навиштани китобҳои дарсӣ ва васоити таълим доир ба таърихи забони адабӣ ва лексикологияи забони тоҷикӣ истифода бурд. Маводи диссертатсия ҳамчунин ҷиҳати гузаронидани курс ва семинарҳои махсус барои факултетҳои филология ва шарқшиносии мактабҳои олӣ имкон дорад истифода шавад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Ҳангоми таълифи диссертатсия унвонҷӯ пурсамар фаъолият карда, оид ба мазмуну мухтавои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи таъйиднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия 4 мақола ба нашр расонд.

Гуфтаҳои боло далели он аст, ки таҳқиқи Халиков Масъудҷон Ғафурович дар мавзуи «Муродифот дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ мебошад.

Сарходими илмии
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
узви вобастаи АМИТ,
доктори илми филология **Султон Ҳ.Б.**
«____» _____с. 2022

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
(+992) 37227-29-07, 221-70-30
E-mail: iza_rudaki17@mail.ru
Тел: (+992) 93-526-98-05

Имзои Султон Ҳ.Б.-ро тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадри Институти
забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ **Ҳ. Нарзиқулова**
« » _____ соли 2022